# 37708 - Зиёрати қабристон дар ҳангоми рӯза

**савол**

Оё рафтан ба қабристон дар ҳангоми рӯза бароямон ҷоиз аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рафтан ба қабристон барои зиёрати он, дар ҳангоми рӯза ҳеҷ монеияте надорад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) сароҳатан фармудааст: **«Огоҳ бошед, пас онро зиёрат бикунед».** Зоҳири ин ҳадис далолат мекунад, ки вақти он ом аст. (Яъне ҳар вақт, ки бихоҳӣ, метавонӣ ба зиёрати қабристон биравӣ).

Аз Абуҳурайра ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба саҳобагони худ гуфт: Чӣ касе аз шумо имрӯз рӯза гирифтааст? Абубакр гуфт: Ман. Фармуд: Чӣ касе аз шумо имрӯз дар ҷанозае иштирок кардааст? Абубакр гуфт: Ман. Фармуд: Оё касе аз шумо бемореро аёдат намудааст? Абубакр гуфт: Ман. Фармуд: Оё касе аз шумо садақае кардааст? Абубакр гуфт: Ман. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Ин сифатҳо дар марде ҷамъ намешаванд, магар ин, ки вориди биҳишт мешавад».** Ривояти Муслим.

Аллоҳ донотар аст.